**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Шодмон Абдулло дар мавзуи «Такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ) пешниҳод гардидааст.**

Мавзуи таҳқиқи диссертатсионии Абдуллозода Ш.А. бо дарназардошти аҳамияти стратегӣ доштани НБО-и Роғун аҳамияти калони илмӣ-амалӣ дошта, дар пешрафти иқтисодиёти кишвар, инчунин ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мақоми махсусро касб менамояд.

Аҳамияти илмӣ ва назариявии таҳқиқот пеш аз ҳама, дар интихоб ва асоснок кардани усули назорати маҳлули намаки сер дар системаи маҳлултайёрнамоӣ барои омода намудани маҳлули обутобдиҳии сатҳӣ (серкарбонкунӣ) ифода мегардад.

Мақсади таҳқиқот ба такмил додани усулҳои назорати маҳлули намак, сифати серкарбонкунии саргаҳи қабати он равона гардидааст. Объекти таҳқиқро бошад қабати намак, ки аз тарқиши Ёнахш берун меояд ташкил медиҳад.

Муҳтавои диссертатсия нишон медиҳад, ки кори анҷомдода дорои навгонии мушаххаси илмӣ буда, як қатор масъалаҳои то ҳол ба таври мукаммал омӯхтанашудаи сохтмони гидротехникӣ, сохтмону истифодабарии сарбандҳо дар шароити хобиши номусоиди ҷинсҳои кӯҳӣ, бахусус бехатарии иншооти гидротехникӣ ва такмили усулҳои назорати сифати обутобдиҳии саргаҳи қабати намакро фаро мегирад.

Яке аз дастовардҳои муҳими илмӣ амсилаи математикӣ ва усули ҳисобкунии амалӣ барои равандҳои маҳлулшавии қабати намак ҳангоми ташаккули роҳи полоиши ҷамъшуда мебошад. Амсилаи пешниҳодшуда раванди ҳалшавии конвективӣ-диффузионии қабати намакро ҳангоми ба кор андохтани НБО-и Роғун инъикос намуда, имконият медиҳад, ки механизмҳои пешгирӣ аз ин раванд дар шароити таъсири омилҳои гуногун асоснок карда шаванд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дорои арзиши назариявӣ ва аҳамияти амалӣ буда, саҳеҳӣ ва боэътимодии натиҷаҳои бадастомада асоснок арзёбӣ мегарданд.

Ин кори илмӣ ба талаботи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ) ҷавобгӯ буда, барои ҳалли мушкилоти илмӣ ва амалии ҷорӣ дар самти таъмини эътимоднокии кори иншооти гидротехникӣ нигаронида шудааст.

**Эродҳо ва тавсияҳо:**

1. Басомади сабабҳои садама дар иншооти гидротехникӣ дар ҷадвали 1 ва 2 автореферат (саҳ.7) оварда шудааст, вале тавзеҳ надорад.

2. Дар тавзеҳоти боби 2-юм оиди гузаронидани таҳқиқоти термометрӣ дар чоҳҳои шабакаи пезометрӣ ишора омадааст, аммо натиҷаи таҳқиқот дарҷ нагардидааст.

Эродҳои зикршуда ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Диссертатсияи Абдуллозода Шодмон Абдулло дар мавзуи «Такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ) ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021,таҳти рақами №267) ва Дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (Қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз 31 марти соли 2021, таҳти рақами №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ арзанда шуморида мешавад

Номзади илмҳои техникӣ, дотсенти
кафедраи "Сохтмон"-и Муассисаи давлатии
таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба
номи Носири Хусрав" Абдуллоев С.С.
"07" 05 соли 2026

**Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, маҳалаи Ҳоҷи Шариф 85
Телефон: 918 69 94 84
E-mail: abdulloev-1958@mail.ru

Имзои С.С. Абдуллоевро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатиитаълимии
"Донишгоҳи давлатии Бохтар ба
номи Носири Хусрав" Нажмиддинов М.М.

**Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67
Телефон: 8(3222)2-54-81,2-22-53
E-mail: bgu-1978@mail.ru
"07" 05 соли 2026